## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «**Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2016)**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300- Таърих (6D020301-Таърихи ватанӣ). Душанбе, 2024.

Диссертатсияи унвонҷӯ Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи мубрам навишта шудааст, зеро ки таърихи санъат яке аз ҷузъиёти муҳимми соҳаи фарҳанг мебошад, ки аз нигоҳи пешрафти таърихии ҷомеа мубрам буда, аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад. Ин самти таҳқиқот ҳолати рушди санъати театрӣ, мусиқӣ, синаморо фаро мегирад, ки баррасии масоили мазкур барои рушд додани маънавиёти ҷомеаи муосир муҳиммият дорад. Аз ин лиҳоз, мавзӯи баррасигардида, мубрам буда, омӯзишу таҳлили он барои рушди минбаъдаи соҳаи фарҳанг мусоидат хоҳанд кард.

Заминаҳои сарчашмавии тадқиқотро маводи бойгонӣ, санадҳои қонунгузорӣ, барномаҳои давлатӣ, ҳисоботи соҳаҳо, маҷмӯи ҳуҷҷатҳо, матбуоти даврӣ ташкил медиҳанд.

Мақсади таҳқиқот аз таҳлили вазъи кору фаъолияти театрҳо дар ҷумҳурӣ, рушди санъати саҳнавӣ дар замони истиқлолият, мақом ва накши санъати синамо дар даврони истиқлолият, ҳолат ва натиҷагирии санъати саҳнавӣ, муайян намудани дастовардҳо ва камбудиҳо дар ин соҳа ва таҳияи тавсияҳову пешниҳодот иборат аст.

Сохтор ва таркиби рисола аз муқаддима, се боб хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар мукаддима аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, максаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову навгониҳо, муҳимтарин нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, ба таври фишурда шарҳ ёфтаанд. Ҳамчунин, методикаи таҳқиқ тавсиф шуда, арзиши назариву амалии кор бо далелҳо собит ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Дар мундарицаи асосии диссертатсия масъалаҳои мақоми санъати театри тоҷик дар ҷомеа, рушди хусусиятҳои хоси миллии санъати мусиқии тоҷик, дигаргуниҳо ва назари нав дар синамои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд.

Дар хулосаи диссертатсия назару пешниҳодоти ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шудаанд.

Аз банду баст ва мазмуни автореферат муайян мегардад, ки диссертатсияи мазкур мувофиқ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба диссертсияҳои номзадӣ иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Муаллиф, оид ба мавзӯи диссертатсионии худ 6 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақоларо дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Хулоса, диссертатсияи Якубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият (1991-2016)» кори мантиқан ба анҷом расида ҳисобида шуда, ба бандҳои асосии «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300- Таърих (6D020301-Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

**Дотсенти кафедраи таърихи**
**халқи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Ғозӣ Гадоев**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121. ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
тел.: + 992 93 5369997

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Абдукарим Мустафозода**

**«16» 04 2024 с.**